# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи "Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш" таълиф шудааст. Ҳадафи меҳварии рисолаи диссертатсионӣ ба баррасии фарогир ва таҳлили амиқи дидгоҳҳои адабӣ ва назарии Аҳмад Махдуми Дониш равона гардида, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ин паҳлуи камомӯхташудаи мероси ӯ ба таври муфассалу илмӣ равшан карда шавад. Зеро то имрӯз афкори адабию эстетикии ин мутафаккир ба сурати мукаммал ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, бештар ба таври ишоравӣ ё ҷузъӣ баррасӣ шудааст.

Дар раванди таҳқиқ натиҷаҳои бадастомада дар заминаи муқоисавӣ бо андешаҳои назариявию адабии барҷастатарин намояндагони адабиёти тоҷику форс мавриди таҳлил қарор гирифта, умумият ва тафовутҳои мавҷуд муайян гардидаанд. Бо ин роҳ, нуқтаҳои иртибот, таъсирпазирӣ ва ҳамсонӣ дар густараи тафаккури адабӣ ошкор шуда, ҷойгоҳи воқеии андешаҳои Дониш дар силсилаи таҳаввули афкори назариявии адабиёти форсизабон мушаххас карда шудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки шахсият ва мероси илмию маънавии Аҳмад Махдуми Дониш ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ қарор доштааст. Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ӯ, аз ҷумла афкори сиёсӣ, таърихнигорӣ, дидгоҳҳои педагогӣ, масъалаҳои диншиносӣ ва иҷтимоии ӯ дар иртибот бо ҷаҳонбинии маорифпарваронааш ба таври васеъ мавриди таҳлил ва арзёбии илмӣ қарор гирифтаанд. Ин таҳқиқотҳо симои ӯро ҳамчун як мутафаккири ислоҳталаб ва равшангар муаррифӣ намуда, ҷойгоҳи ӯро дар таҳаввули фикри иҷтимоии тоҷикон муайян кардаанд. Бо вуҷуди ин, бахши муҳими мероси ӯ, яъне андешаҳои адабӣ ва назариявияш, то ҳол ба таври мустақил ва фарогир мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст. Маҳз ҳамин холигии илмӣ зарурати анҷоми таҳқиқоти махсусро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷумлаи аввалин талошҳо дар адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб меёбад, ки ба таҳлили системавӣ ва густурдаи афкори адабию назарии ин мутафаккир пардохта, ҷойгоҳи ӯро дар таърихи андешаи эстетикӣ ва назарияи адабиёти тоҷик бознигарӣ мекунад.

Таҳқиқи андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш идомаи мантиқии суннати дерпои илми каломи бадеъ ва нақди адабии тоҷик буда, бо фароҳам

овардани таҳлили мушаххас ба такмили заминаҳои назариявии адабиётшиносии миллӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун манбаи муҳими илмӣ ва таълимӣ дар пажӯҳишҳои минбаъдаи назарияи адабиёт ва накди адабӣ, инчунин дар бознигарии масоили назарии адабиёти тоҷик мавриди истифода қарор гиранд.

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода аз лиҳози илмӣ ва методологӣ ба талаботу меъёрҳои шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан, мутобиқат дорад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар шакли гузоришу маъруза ва мақолаҳои илмӣ интишор гардида, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ ва маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Муҳимтарин дастовардҳо ва нуктаҳои меҳварии таҳқиқи диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию амалӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд. Мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври фишурда ва дақиқ инъикос менамоянд. Теъдод ва сифати мақолаҳои ба нашррасидаи муаллиф ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, мутобиқати пурраи онҳоро ба меъёрҳои муқарраргардида таъмин месозанд.

Ҳамзамон, дар матни диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз мушоҳида намегардад, ки ин далели риояи меъёрҳои иқтибосоварӣ ва мутобиқат ба талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

Рисолаи таҳқиқотӣ аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфта, бо риояи меъёрҳои методологӣ ва техникии «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 ба тасвиб расидааст, таҳия гардидааст. Сохтори рисола ба мантиқи дохилии таҳқиқоти адабиётшиносӣ мутобиқат намуда, пайдарпайии масъалагузорӣ ва таҳлили илмиро таъмин месозад.

Дар бахши муқаддима муаллиф зарурати интихоби мавзуъро дар заминаи ниёзҳои адабиётшиносии муосир асоснок карда, сатҳи омӯзиши масъала дар пажӯҳишҳои қаблӣ ва ҷойгоҳи онро дар низоми таҳқиқоти илмӣ муайян намудааст. Ҳамчунин, робитаи мавзуъ бо барномаҳо ва лоиҳаҳои илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти омӯзиш ва предмети таҳлил,

заминаҳои назариявию методологӣ, навоварии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мушаххас баён гардидаанд.

Муаллиф, ҳамзамон, аҳаммияти назарӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро арзёбӣ карда, дараҷаи эътимоднокии онҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии худро дар таҳқиқ, марҳилаҳои тасвиб ва татбиқи натиҷаҳо, инчунин интишороти анҷомдодашударо шарҳ додааст. Дар охир сохтор ва ҳаҷми рисола бо назардошти меъёрҳои пазируфташудаи корҳои илмии тахассусӣ тавсиф гардидааст.

Диссертатсия ба меъёрҳои бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат дорад. Рисола ба таври мустақилона таълиф шуда, аз лиҳози сохтор ва муҳтавои илмӣ дорои низоми воҳиди мантиқӣ ва ҳамбастагии дохилии масъалагузорӣ мебошад. Натиҷаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бозгӯи саҳми фардии муҳаққиқ буда, навоварӣ ва мустақилияти андешаи илмии ӯро собит месозанд.

Дар тавсифи умумии таҳқиқ ҳамаи ҷанбаҳои асосӣ, аз ҷумла мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, ҳамчунин навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо таҳлили дақиқ ва асоснок дарҷ шудаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои муҳим барои ҳимоя ва саҳми мустақими диссертант дар раванди анҷоми таҳқиқ равшан таҳлил гардида, мақоми ӯ дар эҷоди натиҷаҳои илмӣ муайян карда шудааст. Дар бахши хулоса ҷамъбасти дастовардҳои асосии пажӯҳиш ва натиҷаҳои ҳосилшуда ироа шуда, аҳаммияти илмии масъалаҳои меҳварӣ таъкид гардидааст ва самтҳои минбаъдаи таҳқиқ дар доираи мавзуи баррасишуда мушаххас карда шудаанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти назарӣ, сатҳи навоварии илмӣ ва арзиши амалии натиҷаҳои бадастомада, комиссияи экспертӣ ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода таҳқиқоти комил ва аз лиҳози методологӣ муназзам мебошад. Рисола таҳти унвони «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» масъалаи муҳимми адабиётшиносиро дар заминаи осори Аҳмади Дониш ба таври илмӣ таҳлил намуда, дар рушди адабиётшиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзодаро дар мавзуи “Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода бо унвони «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара тавассути овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон бо ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:
   - **Олимӣ Хосият Ҳоким –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
   - **Собирзода Ҳамза Юсуф** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”** пешниҳод шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ғаффорзода Ш.Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Асозода Ҳ.Р.

Номзади илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Давлатов У.М.

“ 27 ” марти соли 2026.